**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________________**
**«__3__» ______12______ соли 2025**

**Нусха аз суратмаҷлиси №4**
**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 29.11.2025. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Давлатманзода Э.Д.**
**Котиб: Маҷидова Р. С.**
**Иштирок доштанд:** Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Э.Д. Давлатмандзода, профессорон М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, Ш.К. Ғаюрзода, П.З. Мирзозода, дотсентон Н. Шонасриддинов, Ғ.М. Бобокалон, Р.В. Мирбобоева, С.К. Ризоева, О.А. Мавлоназарзода, Ш.Ҷ. Мансурӣ, Н.И. Муминзода, И.З. Саъдиев, муаллимони калон Р.М. Хоҷаева, С.И. Исмонализода, ассистентон Х.С. Каримзода, Ш. Шабонов, Ф.Ҳ. Азамқулов, Ф.А. Амирзода, Абдулхайри Ҳ., Абдулазизи А., лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. **Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3– Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Мавлоназарзода О.А. – н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Амирзода Фарнуш Амир баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки ҳуқуқ ба иттиҳодия на танҳо имкони узвияти озод, балки озодии ташаббусро дар ташкили чунин иттиҳодия ё шомил нашудан ба ин гуна иттиҳодияҳоро низ пешбинӣ мекунад. Қонунгузории миллӣ баҳри пешрафти муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни

иттиҳодшавии сармоя ва имкониятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъсис додани ассотсиатстия ва иттифоқҳо иҷозат дода шудааст, ки бомуваффақият фаъолият намуда истодаанд. Чунин иттиҳодшавӣ ба иштирокчиёни он имкон медиҳад, ки маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол кунанд, фаъолияти худро такмил диҳанд, ҳосилнокии меҳнатро баланд бардоранд, ба тиҷорати байналмилалӣ ҳамроҳ шуда, бозорҳои фурӯши махсулоти миллиро васеъ намоянд.

Таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ яке аз механизмҳои муассири таъмини шароити мусоид барои рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллии муосир буда, нақши онҳо солҳои охир бештар намоён гардида истодааст.

Ҳамасола шумораи умумии ташкилотҳои ҷамъиятӣ зиёд гардида истодааст, айни замон 1726 чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амал карда истодаанд, аз ҷумла солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 40 ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол равиши ягонаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба таъсис ва фаъолияти шаклҳои иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқиро мушаххас муайян накардааст. Инчунин, бинобар сабаби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ вобаста ба ислоҳот ва навсозии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, баъзе иттиҳодияҳои дар қонунгузорӣ муайян нагардида, фаъолият намуда истодаанд, ки танзими онҳо зарур аст. Мушкилотҳои зиёд вобаста ба вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва мавқеи онҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи мадани дар байни шахсони ҳуқуқӣ махсусан муайян карда нашуда, заминаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба талаботи муомилоти муосири маданӣ мувофиқат намекунад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К., н.и.ҳ, дотсентон Шонасриддинов Н., Мирбобоева Р.В. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Амирзода Фарнуш Амир ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Мавлоназарзода О.А. н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Амирзода Фарнуш Амир суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла устоди кафедраи ҳуқуқи маданӣ д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. ва устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат н.и.ҳ., дотсентон Шонасриддинов Н., Мирбобоева Р.В. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Амирзода Фарнуш Амир муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 18 *таълифоти илмӣ, иштирокчии* конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Амирзода Фарнуш Амир ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 29 ноябри соли 2025, №4 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 22 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа: мудири кафедраи**
**ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети**
**ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсент** **Давлатмандзода Э.Д.**

**Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра** **Маҷидова Р.С.**

**Имзои Давлатмандзода Э.Д ва Маҷидова Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«01» 12 соли 2025**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj